## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил ба яке аз мавзуъҳои муҳимми журналистикаи муосир – масъалаи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти журналистӣ бахшида шудааст. Аҳамияти ин кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар фаъолияти рӯзноманигорӣ меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад ва хусусан, дар замони имрӯз, ки минбари фаъолияти рӯзноманигорон васеъ гардида, воситаҳои ахбори оммаи гуногунтаъйинот шакл ва мавқеъ пайдо кардаанд, таваҷҷуҳ ба ин масъала зиёд гардида, мубрамияти омӯзиши онро дучанд гардонидааст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки тиҷорат самти фаъолияти аксарияти воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ гардида, вазифаҳои асосии ВАО низ як андоза тағйир ёфтаанд, таҳқиқи илмии ин масъала боз ҳам мубрамтар гардидааст. Аз ин рӯ, дар сатҳи рисолаи докторӣ таҳқиқ намудани раванди ташаккули этикаи касбии журналистӣ дар ВАО-и Тоҷикистон ҳамчун унсури муайянкунандаи хусусиятҳои ахлоқи касбии журналист ва механизми танзимкунандаи ҷомеаи журналистӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳимму саривақтӣ буд, ки ин амал аз ҷониби диссертант Раҳимҷон Хушдил дар сатҳи зарурӣ анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии рисола дар он зоҳир меёбад, ки ин мавзуъ дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад. Диссертант ҳангоми омӯзиши мавзуъ раванди муназзами таҳқиқро ба назар гирифта, аввал ба омилҳои пайдоиш ва баъдан марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика, махсусан, журналистикаи тоҷик таваҷҷуҳ намуда, баъдан ба таври мушаххас чун нишони аҳаммиятнокии меъёрҳои ахлоқӣ ва зарурати онҳо дар фаъолияти рӯзноманигорӣ якчанд асноди идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори оммаро мавриди таҳлил қарор додааст.

Мухтавои диссертатсия баёнгари он аст, ки дар пажуҳиш ба ҷанбаи муҳимми фаъолият – меъёрҳои ҳуқуқӣ ва муносибати рӯзноманигорон бо он таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрами рӯзноманигории амалӣ ба шумор меравад.

Инчунин, дар диссертатсия ба зуҳуроти тозаи фаъолияти рӯзноманигорӣ – деонтология низ таваҷҷуҳ шуда, ин мавзуъ аз нигоҳи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Баррасии ин мавзуъ агар, аз як ҷониб навгонии илмии диссертатсия бошад, аз ҷиҳати дигар мукаммалии мавзуи мавриди назарро таъмин намудааст.

Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил аз муқаддима, 5 боб, 10 фасл, рӯйхати адабиёту манбаъ, хулоса ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Диссертант ҳангоми пажуҳиш аз методҳои таърихӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва таҳлили контентӣ истифода кардааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи пайваст буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 2 монография ва 25 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллифу маъхаз ба назар намерасад, ки ин аз риояи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин гардидааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши назарию амалии онро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан ҷоиз аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Афсахзод Аббоси Аълохон** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Хоҷазод Саидмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномҷон** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Муродӣ Мурод Бердӣ

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Бозорзода Нуриддин Шодипур

«16» июни соли 2026